**Барномаи идораи марзҳо дар Осиёи Марказӣ (БОМКА)**

аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад

Ҳамкори амалиёт

Empowered lives.
Resilient nations.

аз ҷониби БРСММ амалӣ мегардад

# Курси омӯзиши миллӣ оид ба қисматҳои гендерии амниятӣ барои кормандони қудрати тоҷик ва қирғиз ва мақомоти маҳаллӣ

***ш. Қайроқум, Тоҷикистон (20 июни с.2013)*** – Бисту панҷ нафар кормандони сатҳи баланд ва миёна, ки аз намояндагони маъмурии маҳаллӣ, ҷамоатҳо, кормандони қудратӣ, мутахассисони вилояти сарҳадии Баткени Ҷумҳурии Қирғизистон ва шаҳри Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буданд, дар семинари дурӯзаи ***"Қисматҳои гендерии амният. Нақш ва ваколати мақомоти ҷамъиятӣ ва худидоракунӣ дар татбиқи сиёсати гендерӣ тибқи талаботи давлат"*** ширкат варзиданд.

Семинари мазкур аз ҷониби Барномаи БОМКА (сарпарасташ Иттиҳоди Аврупо) дар ҳамкорӣ бо БРСММи Ҷумҳурии Қирғизистон ташкил карда шудааст.

Ду тренер ба марзбонон, кормандони қудратӣ ва ҳукумати маҳаллӣ иттилооти аввалиндараҷа ва мукаммалро оиди мавзӯъҳои гендерӣ пешниҳод намуданд. Дар ҷараёни семинари мазкур иштирокчиёни семинар бо мафҳумҳои асосии сиёсати гендерӣ, муқаррароти асосии қонунгузории миллӣ ва байналмилаллӣ дар самти гендерӣ ва масъулияти кормандони марзӣ ва ҳукумати маҳаллӣ дар иҷроиши сиёсати мазкур ошно гардиданд.

Омӯзгорон ҳамчунин мавзӯи ҳалли дурусти мушкилоти гендериро, ки ба рушди иқтисодии минтақаҳои фаромарзӣ оварда мерасонад, баррасӣ намуданд.

Ҳадафи барномаи БОМКА ин кӯмак намудан дар такмили бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ, мусоидат намудан дар қонунӣ гардонидани тиҷорат ва транзит ва ҳамчунин пешгирӣ намудани убури ғайриқонунии одамон тавассути сарҳадоти Осиёи Марказӣ мебошад.

Барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ ва Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират амалӣ мешаванд (МБСРМ).

***Барои дарёфт намудани иттилооти бештар*** *хоҳишмандем ба Сӯҳроб Қаҳоров, Менеҷери Барномаи БОМКА дар ҶТ бо имейли мазкур* [suhrob.kaharov@undp.org;](mailto:suhrob.kaharov@undp.org) ва *ё тел.: (44) 6005527/28 муроҷиат намоед.*